ТДУ 631.3.074.04

# ДАРАҶАИ БО ЗАМИН ТАЪМИН БУДАНИ КИШОВАРЗОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Сафаров Х.,** д.и.т., профессор, **Бердиев С.А**. омӯзгори калон,
**Қодиров Ф**., магистр, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур

***Калимаҳои калидӣ:*** *муассисаҳои муҳандисию техникӣ, муҷтамеи агросаноатӣ, ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ.*

Кишоварзӣ дар Тоҷикистон яке аз соҳаҳои асосии таъминкунандаи истеҳсолоти моддӣ ба ҳисоб меравад, ки аҳолиро бо маводи озуқа ва саноатро бо ашѐи хом таъмин менамояд. Барои ҳамин яке аз самтҳои асосии дар оянда тараққӣ додани муҷтамеи агросанотӣ бо мақсад ва якҷо бо муассисаҳои муҳандисию техникӣ ва хизматрасонҳо дар асоси фоидаи иқтисодӣ фаъолият намудан мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93%-и онро кӯҳҳо ва ноҳамвориҳо ташкил медиҳанд, на ин ки дар Осиѐи Марказӣ, ҳатто дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҷумҳурии камзамин ба шумор мерафт.

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон то 30.12.2018 масоҳати умумии заминҳо 14 137 700 га, ки аз он дар истифодабарии корхонаҳои кишоварзӣ 6960700 га; - ҷамъи заминҳои шудгоршавандаи ҷумҳурӣ 852600 га ва обѐришаванда бошад, 595600 гектарро ташкил медиҳад (ҷадвалҳои 1 ва 2) [1, 2].

Ҷадвали 1.

**Дараҷаи бо замин таъмин будани аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1990 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 20115 | 2018 |
| Аҳолӣ, ҳаз. одам. | 5515,2 | 5701,4 | 6350,5 | 6931 | 7621,2 | 8551,2 | 9028,9 |
| Масоҳати умумии замин дар ҷумҳурӣ, ҳаз. га: | 14245,5 | 14245,5 | 14255,5 | 14255,5 | 14255,5 | 14137,7 | 14137,9 |
| аз он ҷумла, ба ҳар як сари аҳолӣ, га | 2,58 | 2,48 | 2,33 | 2,05 | 1,93 | 1,65 | 1,57 |
| Ҷамъи заминҳои киштшаванда, ҳаз. га: | 824,2 | 836,7 | 861,5 | 901,1 | 850,4 | 830,6 | 826,7 |
| аз он ҷумла, ба ҳар як сари аҳолии, га | 0,177 | 0,46 | 0,141 | 0,130 | 0,11 | 0,097 | 0,09 |
| Ҷамъи заминҳои обѐришаванда, ҳаз. га | 558,5 | 501,4 | 490,6 | 502,1 | 587,8 | 593,8 | 593,8 |
| аз он ҷумла, ба ҳар як сари аҳолӣ, га | 0,12 | 0,087 | 0,077 | 0,072 | 0,077 | 0,069 | 0,066 |

Ҷадвали 2.

**Маълумот оид ба тағйирѐбии майдонҳои кишти зироатҳои асосӣ дар солҳои 1991-2018**

| Номгӯй | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2018 | 2018 нисбати 1991 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Пахта | 298,8 | 228,2 | 238,6 | 288,7 | 162,4 | 159,6 | 185,8 | 62,1% |
| Зироатҳои ғалладонагӣ | 232,2 | 383,6 | 421,4 | 395,6 | 459,9 | 422,9 | 374,9 | 1614,5% |
| Картошка | 12,8 | 10,6 | 66,4 | 70,2 | 97,5 | 39,9 | 49,6 | 387,5% |
| Хӯрокҳои чорво | 226,6 | 128,7 | 99,2 | 131,4 | 87,7 | 63,4 | 99,2 | 43,8% |
| Боғ ва ангур | 118,7 | 105,9 | 107,4 | 118,0 | 146,9 | 179,0 | 197,0 | 165,9% |
| Сабзавот ва полизӣ | 38,9 | 31,6 | 40,5 | 42,5 | 65,7 | 76,7 | 88,2 | 226,7% |
| Ҳамагӣ | 821,0 | 888,6 | 973,5 | 926,4 | 1018,5 | 906,1 | 895,5 | 109,1% |

* - Рақамҳои Агентии омори назди Президенти ҶТ ва тадқиқотҳои муаллифон.

Дар натиҷаи ҳодисаҳои сиѐсии дар ҷумҳурӣ рухдода нишондиҳандаҳои техникию иқтисодии бисѐре аз соҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон якбора коста гардид, ки аз ҳама бештар муҷтамеи агросанотӣ (МАС) зарари калон дида буд.

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки дар солҳои аввали истиқлолият дараҷаи бо техника таъмин будани кишоварзӣ дар Тоҷикистон ба солҳои 50 ва 60-уми асри гузашта рост меомад. Бинобар ҳамин, давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи таҷдид намудани хоҷагиҳои давлатиро тавсия намуд, ки дар натиҷаи он имрӯз дар соҳаи аграрии ҷумҳурӣ барои истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ 171354 хоҷагиҳои

калон, миёна ва хурд, аз онҳо 129 хоҷагиҳои давлатӣ, 122 ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, 5617 хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, 175 ҷамъияти саҳомӣ ва ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд (ҶДММ), 680 хоҷагиҳои ёрирасон дар назди корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ ва 164631 хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолият намуда истодааст [1, 3].

Маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, ки аҳолии ҷумҳурӣ ҳар сол аз 2,0 то 2,5% зиёд мешавад, вале масоҳати майдонҳои киштшаванда бошад (соли 1991 - 824,2 (ҳаз. га), қариб ки бетағйир мондааст (соли 2018 бошад, 826,7 ҳаз. га). Бинобар ҳамин, самаранок истифода намудани замин яке аз вазифаҳои асосии давлат ва коркунони муҷтамеи агросаноатӣ (МАС) ба ҳисоб меравад [1].

Таҳлили ҷадвалҳои 1 ва 2 нишон медиҳанд, ки дар солҳои 1991-2018 гарчанде, ки дар сохтори заминҳои ҷумҳурӣ тағйироти калон ба вуҷуд наомада бошад ҳам, вале тағйирот дар зиёдшавии аҳолии ҷумҳурӣ мушоҳида мешавад. Масалан, соли 1991 аҳолии ҷумҳурӣ 5515200 нафарро ташкил мекард, ки замини кишт ба ҳар як сари аҳолӣ 0,177 га рост меомад, соли 2018 аҳолии ҷумҳурӣ ба 9028 900 нафар расид, ки замини кишт ба ҳар як сари аҳолӣ 0,090 га мерасад, ё ин ки нисбат ба соли 1991 55% кам шудааст.

Бинобар ҳамин, яке аз роҳҳои асосии таъмин намудани самаранокии кори МАС, пеш аз ҳама, бо техника, технологияи наву замонавӣ ва дастовардҳои илму таҷрибаи пешқадам таъмин намудани деҳқонон мебошад.

Аз маълумоти дар боло овардашуда бармеояд, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ зиёда аз 164 ҳаз. хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил карда шудааст, ки онҳо дар ихтиёрашон аз 0,1 то 300 га замини кишт дошта бошанд ҳам, вале зиёда аз 75%-и онҳо ягон намуди воситаҳои техникӣ надоранд ва дараҷаи бо техника таъмин будани хоҷагиҳои деҳқонӣ ниҳоят дар сатҳи паст қарор дорад. Новобаста ба он ки барои кумаки техникии хоҷагиҳои деҳқонӣ аз тарафи давлат корхонаи воҳиди давлатии «Агролизинг» ташкил карда шуда бошад ҳам, вале самараи он чандон назаррас нест.

Тадқиқотҳои дар хоҷагиҳои пахтакори ҷумҳурӣ гузаронида нишон медиҳанд, ки дигар камбудии дар назди деҳқонони тоҷик ҷойдошта ин дар як қитъаи замин ҷойгир будани якчанд хоҷагии деҳқонӣ мебошад. Мисол, дар як қитъаи замини аз 20 га иборатбуда на кам аз 4-5 хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолият менамоянд, ки ҳар кадоми он дар майдони ба он ҷудокардашуда на кам аз се-чор зироатро парвариш менамоянд. Маълум аст, ки давраи кишт, нигоҳубин, обёрӣ, коркарди байни қаторҳо, ҷамъоварӣ ва дигар корҳои технологӣ гуногун мебошад, вале ҷӯйбор, роҳ ва дигар иншоотҳои ёрирасон якто мебошанд. Бинобар ҳамин, чунин шакли истифодабарӣ барои дар сари вақт ва бо ситфати баланд иҷро намудани корҳои механикикунонидашуди кишоварзӣ чандон фоидаовар нест.

Барои таъмин намудани амниятии озуқаворunion аҳолии кишвар ба коркунони МАС зарур аст, ки ҳар чи тезтар ба шаклҳои нави истифодабарии техника ва технологияи наву замонавӣ гузашта, аз дастовардҳои илм ва таҷрибаи пешқадам ба таври васеъ истифода намоянд [4].

Масъалаи ҷиддии дигаре, ки дар назди деҳқонони тоҷик истодааст, ин нарасидани тракторҳои шудгоркунандаи пуриқтидори синфҳои 30 ва 40 кН мебошад, ки имрӯз кишоварзон бо ин намуди тракторҳо ҳамагӣ 66% таъмин мебошаду халос.

**Хулоса.**

1. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тағйирот асосан дар зиёдшавии аҳоли дида мешавад. Мисол, агар соли 1991 ба ҳар як сари аҳоли 0,177 га замин кишт рост меомада бошад ин рақам соли 2019 ба 0,09 га баробар аст.
2. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки то 01.01. 2019 с. соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳама намудҳои тракторҳо 74,8% ва бо тракторҳои шудгоркунанда, ҳамагӣ 66% таъмин мебошад.

**Адабиёт**

1. Сельское хозяйство Республики Таджикистан. Статистический сборник- Душанбе: Агентство по статистики при Президенте Республики Таджикистан, 1992, 2015, 2018, 2019 гг.

2. Земельный фонд республика Таджикистан на 01.01.2019 года. Душанбе. Государственный комитет «Заминсоз» - Душанбе, 2020‟166 с.

3. Сафаров Х. Формирования системы технического сервиса на основе организации машинно-технологических станций в Республике Таджикистан. /Х. Сафаров // Душанбе: Ирфон, 2007. ‟ 159 с.

4. Базаров Ш.Ш. Проект целевой комплексной программы. Стратегия развития инженерно-технической системы АПК Таджикистан / Ш.Ш. Базаров // Корпорация «Мадад» ‟ Душанбе, 2000. ‟ 77 с.

**АННОТАЦИЯ**

**УРОВЕНЬ ОБЕСПЕЧЕННОСТИ ЗЕМЕЛЬНЫМИ УЧАСТКАМИ ЗЕМЛЕДЕЛЬЦЕВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

В статье приведена информация об уровне обеспеченности фермеров землей. В связи с высокими темпами прироста населения, рекомендуется использовать землю более эффективно в будущем.

***Ключевые слова:*** *инженерно-технические предприятие, агропрмышленный комплекс, ассоциация дехканских хозяйств, дехканские хозяйства.*

**АННОТАТСИЯ**

**ДАРАҶАИ БО ЗАМИН ТАЪМИН БУДАНИ КИШОВАРЗОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Дар мақола доир ба дараҷаи таъмин будани кишоварзон бо замин маълумот оварда шудааст. Вобаста аз суръати баланди зиѐдшавии аҳолӣ тавсия дода мешавад, ки дар оянда бояд замин самаранок истифода бурда шавад.

***Калимаҳои калидӣ:*** *муассисаҳои муҳандисию техникӣ, муҷтамеи агросаноатӣ, ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ,*

**ANNOTATION**

**THE LEVEL OF LAND SUPPLY FOR FARMERS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article provides information on the level of land security for farmers. Due to the high population growth rate, it is recommended to use land more efficiently in the future.

***Key words:*** *engineering and technical enterprise, agribusiness, association of dekhan farms, dekhan farms.*